**Протоколи №16-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117 дар
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода

аз 13-уми июни соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқгардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Бустонзода Тахмина Бустон** дар мавзуи **“Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ – Қосимов Олимҷон Ҳабибович ва узви комиссияи экспертӣ – Расулзода Суҳайлӣ сухан гуфтанд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Бустонзода Тахмина Бустон** дар мавзуи **“Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Абодуллоева Сафина Юсуповна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, ходими калони шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва фарҳанги факултети гуманитарию педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон;

Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** тавсия дода мешавад;

3. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 22.08.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Каримзода Ш.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.